# ШУЪБАИ БЕҲДОШТИ ЧАРОГОҲ

## Ҳ А Й А Т И КОРМАНДОНИ ШУЪБА



Иргашев Т. О.
Мудири шуъба



Ибодов И. С.
Ходими калони илмӣ



Гадоева С. Р.
Ходими илмӣ

## АЗ ТАЪРИХИ ШУЪБАИ БЕҲДОШТИ ЧАРОГОҲ

Корҳои илмӣ таҳқиқотии саҳроҳии омӯхтани чарогоҳҳо таърихи 93 дошта, сарчашмаи оғози корҳои илмӣ- таҳқиқоти ҳануз аз соли 1930 сарчашма мегирад. Роҳбарони мавзуҳои илмӣ доир ба омӯзиши таркиби ботаникӣ, ҳосилноки ва ғунҷоиши чарогоҳҳои табиӣ- мавсимии минтақаҳои гуногуни кишвар Синковский. Л.П. Агалина...., Х.Юсуфбеков, Валиев А.В., Каримов И., А.Мадаминова К.К.Кадирова Иргашева Т.А. ва дигарон мебошанд.

Таҷрибаҳо оид ба гузаронидани кишти иловагии алафҳои чарогоҳҳи соли 1950 дар Институти тадкикоти илмии чорводорӣ ва ветеринарии Точикистон бо рохбарии Л. Л.П.Синъковски дар заминҳои Тоҷикистони Ҷанубӣ дар мавзеи Ғаравти (совхози «Қубодиён») гузаронида шудааст.

Дар солхои 1949—1954. Институти тадкикотӣ- илмии чорводорӣ ва ветеринарии Точикистон оид ба биологияи нашъунамо ва тухмии шибоқ тадкикот гузаронда, Л.П.Синковский усулхои баланд бардоштани нашъунамои онро кор карда баромад. Ин шарти хатмии гузаштан ба давраи навбатии тадкикот — кор карда баромадани агротехникаи шибоқ буд. Усули Л.П.Синковский дар таҷрибаҳое, ки дар Ӯзбекистон бо буттаҳои биёбонӣ ва нимбуттаҳо – саксавули сиёҳ, терескен, чагон гузаронида шуда, ба истеҳсолот соли 1963 татбиқ карда шуд.

Синковский Л.П., Юсуфбеков Х.Ю. ва дигарон солҳои 1944-1977 асоси назариявии реконструкцияи пӯшии растании чарогоҳҳои камҳосили Тоҷикистонро бо истифода аз алафҳои воридот карда шуда барои заминҳои алафдаравӣ обёришаванда таҳия карда ба истеҳсолот ҷори намуданд.

То давраи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон шуъбаи беҳдошти чарогоҳи Институти чорводорӣ ва чарогоҳ, яъне дар давраи Иттифоқи Шуравӣ корҳои илмӣ таҳқиқотӣ дар самти чарогоҳшиноси хело рушд ёфт ва як қатор дастовардҳои назаррас ноил гардид:

Маҳз дар даврони Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон шуъбаи беҳдошти чарогоҳи Институти чорводорӣ ва чарогоҳ аз нав ташкил карда шуд ва ба дастовардҳои зерин ноил гардид:

Чарогоҳҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон манбаи асосии таъмини хӯрокаи чорвои зотҳои сергӯшт, қутос, гӯсфанду буз ва асп буда, зиёда аз 60-70%-и талаботи солонаи онҳоро таъмин менамояд.

Ҳолати хуби чарогоҳҳо дар таъмини амнияти озуқавории мамлакат накши муҳимро иҷро менамояд. Мавриди зикр аст, ки дар миқёси ҷаҳон аз се ду ҳиссаи гӯшту шир аз ҳисоби алафи табиии чарогоҳҳо истеҳсол карда мешавад.

Омӯхтани усулҳои ҳосилхезгардонии чарогоҳҳои табиӣ ва истифодабарии устувори онҳо, мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи чарогоҳ» аз санаи 19.03.2013 ва қонуни нави таҳиягардидаи аз санаи 20 июни с. 2019 , Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 1 октябри 2008) ва «Оид ба Барномаи беҳдошти ҳолат ва самаранок истифодабарии чарогоҳҳои Тоҷикистон дар давраи солҳои 2016-2020», Қонуни ҶТ «Дар бораи Чарогоҳ» аз 20 07. с 2019 гузаронида шудааст.

Дар миқёси ҷумҳурӣ - 3821777 гектар чарогоҳҳо мавҷуд буда, аз он дар вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон -734139 га, вилояти Суғд-785198, Хатлон-1223568 ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ -1078872 воқеъ мебошанд.

Аз миқдори умумии чарогоҳҳо 676854 га чарогоҳҳои зимистона, 2041491 - тобистона, 715996 - баҳорию тирамоҳӣ ва 387436 гектарро чарогоҳҳои тамоми сол истифодашаванда ташкил медиҳанд.

Масъалаи асоси дар соҳаи чорводорӣ - бунёди заминаи мустаҳками хӯрокӣ мебошад. Тибқи маълумотҳои оморӣ саршумори чорвои калон-53%, асп-49% ва моли майда-50 фоиз нисбати соли 1991 зиёд гардида ва тамоюли зиёдшавии саршумор ба назар мерасад. Аз ин рӯ, беҳтаргардонии сифат, ҳосилнокӣ, танзиму истифодабарии оқилона ва дурусти чарогоҳҳо дар пешрафти соҳа, яке аз омилҳои асосӣ ба ҳисоб меравад.

Дар асоси омӯзишҳои саҳроӣ муайян карда шуд, ки ҳосилнокии умумии алафи хушк дар чарогоҳи кушоди табиӣ ба ҳисоби миёна 3,8 с/га ва – май 4,3 с/га-ро ташкил медиҳад. Дар чарогоҳҳои муҳофизатӣ (саксаулзор) бошад -8,9 с/га; 10,7 с/га муайян гардид.

Истифодабарии усули қитъаги ва аз рӯи меъёр чаронидани чорво дар чарогоҳҳо имконият доданд, ки ҳосилнокии чарогоҳҳо ба миқдорӣ 1,5-2,5 сентнер ҳосилноки зиёд гардид. Истифодаи иловагиҳои минералӣ, хусусан гили бентонитӣ ба ҳисоби миёна ширҷӯширо аз ҳар як сар модагов аз 8-то 10% ва вазнафзунгардонии шабонарӯзии гӯсолаҳо 10-12% баланд мебардорад.

Дар солҳои 2021-2025 корҳои илмӣ таҳқиқотӣ дар самти «Истифодаи самараноки захираҳои хӯрок ва чарогоҳ, хусусиятҳои физиологии пурбаҳо хӯронидани чорво ва моҳӣ», мавзӯи маҷмӯавиро дар бар мегирад, бо роҳбарии доктори илмҳои кишоварзи Т.О.Иргашев иҷро шуда истодааст.

Дар солҳои сипаригашта аз ҷониби олимону кормандони шуъба 550 мақола, 5 китоб, 12 монография, 31 дастури таълимӣ ва методӣ ба нашр расонида шудааст. Дар шуъба 5 нафар докторони илмҳои кишоварзӣ ва 12 нафар номзадони илмҳои кишоварзӣ ҳимоя намудаанд.

## ФАЪОЛИЯТИ КОРМАНДОНИ ШУЪБА









## Муайянкунии ҳосилнокии чарогоҳҳо





